**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи “Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX (Проблемаи омӯзиши этнографӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.07 –Мардумшиносӣ, этнология ва антропология (илмҳои таърих).**

Таърих ва фарҳанг, ифодагари робита ва идомати воқеии наслҳо буда, он ёрӣ мерасонад, ки инсон қаробати худро бо халқаш,ба таърихаш ва орзӯю умеди ояндаи он ҳис намояд, ормонҳои маънавиро асоси ҳар гуна фаъолияти амалӣ қарор диҳад.

Масъалаи муайян намудани фарҳанги имрӯзаи халқҳо то ҳанӯз хеле кам омӯхта шудааст. Шаклҳои нави фарҳанг на ҳама вақт ҳамвор ва бе ягон монеа ба вуҷуд меоянд, мубориза и солҳо устуворшуда бо шакли нави ҳаёт идома меёбад. Ҳаёт бисёр масъалаҳои амалиеро ба миён меорад, ки онҳоро бе омузиши ҷиддӣ, ки дар он иштироки мардумшиносон ҳатмӣ аст, наметавон ҳал кард. Ба ин пеш аз ҳама масъалаҳои пайдоиши маданият, фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, хӯрокҳои анъанавӣ,ҷашну маросимҳо, никоҳ, урфу одат, тарзи ҳаёти солим ва ғайраҳо тааллуқ дорад.

Аз ин ру тарих ва фарҳанги ҳар халқро муносибати ӯ ба гузаштаи хеш муайян месозад.

Автореферати диссертатсияи мавсуф ба қиммати баланди илмӣ ва таърихӣ дошта, дар он тарзу услуби кишоварзии тоҷикони Бадахшони Афғонистон баррасӣ шуда, маданияти баланди кишоварзии онҳо инъикос ёфтааст, ки ин метавонад ҳамчун роҳнамо барои фаъолияти назариявӣ ва амалии осорхонаҳои мардумшиносӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бар он далолат менамояд, ки муаллиф тавонистааст мубрам будани мавзӯи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намояд, сарчашма ва асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба маданияти анъанавии халқи тоҷик, аз ҷумла тоҷикони Бадахшони Афғонистон, ки

дар қисми шимолии он халқиятҳои зиёде чун роғиҳо, ҳайтолиҳо, шаҳри бузургиҳо ва амсоли инҳо зиндагӣ доранд, инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд.

Махсусан дар боби 2-юм “Кишоварзӣ дар Роғ дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ”, маданияти кишоварзии минтақаи Роғ, аз нуқтаи назари муаллиф хело нағз таҳлил ёфтааст. Аз ҷумла саршавии мавсими кишту кор, ки 12 марҳаларо дар бар мегирад ва ҳар якеро аз оғоз то анҷом таҳлил карда, барраси намудааст. Махсусан ба олатҳои асосии кишоварзӣ диққати махсус додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф ҳунарҳои мардумиро аз алочабофӣ, карбосбофӣ, ҷуроббофӣ, читгарӣ, гулдузӣ, бофандагӣ, ҳамчунин ҳунарҳои чармгарӣ, оҳангарӣ, дуредгариро бо риштаи таҳқиқ кашидааст, ки аз манфиат холӣ нест. Ин ҳунарҳои мардумӣ дар байни роғиҳои сокинони кӯҳистони Шӯрообод (Ш.Шоҳин, Дашти Ҷум) то имрӯз роиҷ мебошанд. Мардуми ноҳияи кӯҳистони Роғ бо ҳунари кулолгарии худ шӯҳрат доштанд. Ба ин ҳунар ҳам занон ва ҳам мардон машғул мешуданд. Ҳунари чӯбкорӣ низ равнақ ёфта буд. Устоҳо асбобу олоти кишоварзӣ-омоч, сешоху панҷшох, белҳои чубӣ, лавозимоти гуногуни рӯзгор-кафш, чарха, қулф, дӯкони бофандагӣ, гаҳвора, дару дарича, панҷараҳои зебо ва ғайра масохтанд. Устоҳо зини асп ва зини хар тайёр мекарданд, ки дар бозорҳои ноҳияҳои ҳамҷавор талабот ба он калон буд. Ҳамаи кори хунармандон дастӣ иҷро мешуд, ки ин меҳнати зиёди пурмашаққатро талаб мекард. Бинобар ин ҳаҷми маҳсулоти аксари косибон чандон зиёд набуд. Музди меҳнати усто базӯр барои рӯзгор ва харидани ашёи хом мерасид.

Маводи ҷамъовардаи диссертант бори дигар нишон медиҳад, ки фарҳанги анъанавии халқи тоҷик таърихи қадима дошта, ин маҳсули инкишоф додани маданияти худи халқ, ки дар давраҳои дуру дарози таърихӣ такмил ва инкишоф ёфтааст, мебошад.

Барои мукаммал шудани диссертатсия диссертант сарчашмаҳои боэътимоди таърихиро мавриди истифода қарор додааст.

Махсусан дар хулосаи автореферат Сафаров Х.Х. бо далелҳои таърихи собит сохтааст,ки аҳолии кӯҳистони Роғ, ки гӯё аз Даҳбеди Самарқанд ҳиҷрат кардаанд, ин асосӣ воқеъӣ надорад. Инчунин исбот кардааст,ки забонашон тоҷикӣ-форсӣ буда, вале дар лаҳҷаи мардуми Роғ калимаҳои қадимае мавҷуданд, ки барои омӯхтани забони қадимаи ин минтақа, яъне забони бохтарӣ маводи хубе мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сафаров Х.Х. ба пуррагӣ коркард шуда, дар сатҳи баланд иҷро шудааст. Муаллифи он вобаста ба мавзӯи таҳқиқотиаш 11-мақолаи илмӣ аз ҷумла монография, ки ба таҳқиқот ҷавобгӯй мебошад, нашр кардааст. Навгониҳои илмии ба дастовардаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дар таҳқиқи ин мавзуъ ба дастовардҳои муҳим ноил шудааст ва таҳқиқоти сазовор барои дарёфти дараҷаи илмиро ба сомон расонидааст.

Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот панҷ мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп намудааст. Автореферати диссертатсия тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон изҳор намуд, ки довталаб Холмат Сафаров барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07- мардумшиносӣ, этнология ва антропология мебошад.

Сардори шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.таърих: Хоҷаев Ш.

"Имзои Хоҷаев Ш.-ро тасдиқ менамоям"
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоҳомидзода Ҳ.
*Суроға: ш. Душанбе, Рӯдакӣ-34*

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС